**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ҚАРОРИ**
**РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

аз «17» апрели соли 2023, № 203

Дар бораи додани иҷозат ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Лутф Сохтмон» барои лоиҳакашии биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёна иборат аз блокҳои А, Б, В, Г, Е, Ж, Л бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаҳои аввал ва блокҳои Д ва К 2-ошёнаи ҳамроҳҷаспонидасохташаванда ва таваққуфгоҳи наклиётии автомобилӣ дар таҳхонаи онҳо, дар заминаи биноҳои бартарафшавандаи пастошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаҳои Нарзиқулов №№3,5, Академик Раҷабовҳо 11 ва Истаравшан, 4,6 ва 8 ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе

Бо мақсади татбиқи Нақшаи генералии шаҳри Душанбе муроҷиати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Лутф Сохтмон» аз 4 августи соли 2022, №44-1267 баррасӣ намуда, мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаи 27 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 14 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 82[6] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ва қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 18 майи соли 2020, №300 «Дар бораи Тартиб ва меъёрҳои пардохт барои додани иҷозати сохтмони бино ва иншоот дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе»

ҚАРОР МЕКУНАМ:

1. Ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Лутф Сохтмон» барои лоиҳакашии биноҳои истиқоматии бисёрбаландошёна иборат аз блокҳои А, В 18 (ҳаждаҳ) ошёна, Б, Г, Е, Ж, Л 19 (нуздаҳ) ошёна бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаҳои аввал ва блокҳои Д ва К 2-ошёнаи ҳамроҳҷаспонидасохташаванда ва таваққуфгоҳи наклиётии автомобилӣ дар таҳхонаи онҳо, дар заминаи биноҳои бартарафшавандаи пастошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаҳои Нарзиқулов №№3,5, Академик Раҷабовҳо 11 ва Истаравшан 4,6 ва 8 ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе дар қитъаи замини масоҳаташ 19240 (нуздаҳ ҳазору дусаду чил) метри мураббаъ бо дақиқ намудани масоҳати зери сохтмон иҷозат дода шавад.

2. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Лутф Сохтмон» баҳри ҳифзи ҳуқуқи соҳибмулкон ва таъмини адолати иҷтимоӣ ҷуброни зарари бартарафкунии бинои мавҷудаи истиқоматӣ тибқи қонун баркарор, инчунин розигии соҳибмулкони манзилҳои истиқоматиро оид ба таъмини онҳо бо манзилҳои истиқоматии муваққатӣ ва шартномаҳоро бо соҳибмулкон бо мақсади хариду фурӯш ва бартарафсозӣ бо шарти минбаъд пайдо намудани ҳуқуқ ба моликият дар манзилҳои истиқоматии биноҳои навбунёдшуда, тариқи нотариалӣ ба расмият дарорад.

3. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Лутф Сохтмон» ба корҳои лоиҳакашии иншоот танҳо баъди иҷрои банди 2 ҳамин қарор, тибқи талаботи супориши меъморӣ-банақшагирӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ шурӯъ намуда, пас аз мувофиқасозӣ ва дастрас намудани хулосаи экспертизаи давлатӣ ва Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, ҳуҷҷатҳоро бо маълумотномаи масоҳати умумии биноҳо тибқи Тартиб ва меъёри тасдиқшудаи пардохт ба Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозӣ пешниҳод намояд.

4. Уҳдадории Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Лутф Сохтмон» ДШ №1472668, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дар феҳрасти №7-42В аз 27 феврали соли 2023 сабт шудааст, ба инобат гирифта шавад.

5. Муқаррар карда шавад, ки ҳангоми аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Лутф Сохтмон» дар мӯҳлати 1 (як) сол шурӯъ накардан ба корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмони иншоот, масъалаи бекор кардани қарори мазкур баррасӣ карда мешавад.

6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе, сарпарасти соҳа гузошта шавад.

Рустами Эмомалӣ

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ *
РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ, МУРОҶИАТ ВА ҚАБУЛИ ШАҲРВАНДОН